**Тақриз**
**ба автореферати Бобоева Зарнигор Тоҳировна дар мавзуи “Асосҳои методӣ ва ҷанбаҳои амалии муносибати босалоҳият ба таълими ҳаёт ва эҷодиёти Абдураҳмони Ҷомӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02.04. – Назария ва методикаи таълими фанҳои гуманитарӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ)**

Яке аз муҳимтарин дигаргуниҳо дар соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар партави ворид шудан ба арсаи байналмилалии таҳсилот ва ҳамгиройӣ дар самти тайёр кардани мутахассисони баландихтисос ва ҷавобгӯйи бозори меҳнати ҷаҳонӣ ҷорӣ гардидани муносибати босалоҳият дар низоми таҳсилоти Тоҷикистон аст, ки солҳои 2015 аз муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ шуруъ гардида, ҳоло дар ҳамаи зинаҳои таҳсилоти кишвар идома дорад. Дар ин замина, дар баробари омӯзиши заминаҳои назариявии он дар миқёси байналмилалӣ, аз ҷониби мутахассисони ватанӣ низ роҷеъ ба паҳлуҳои гуногуни ин масъала таҳқиқу озмоишҳои гуногун сурат гирифтанд. Таҳлили салоҳиятҳои умумӣ (калидӣ), ки имрӯз аз ҷониби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон пазируфта шудааст, аз мутахассисону муаллифони маводи таълимӣ таҳия намудани салоҳиятҳои фаннӣ ва пешниҳоди роҳу усулҳои самаранoктари таълимро тақозо мекунад. Татбиқи муносибати босалоҳият дар таълими фанни Адабиёти тоҷик, аз ҷумла. мавзуъҳои алоҳидаи таълимии он дар назди муаллифони китобҳои дарсӣ ва маводи методӣ, мутахассисон ва омӯзгорон вазифаҳои мушаххасро ба миён гузоштааст.

Яке аз муҳимтарин хусусиятҳои таълими Адабиёти тоҷик он аст, ки дар баробари пешниҳод кардани донишҳои назариявӣ ва амалӣ оид ба давраҳо ва намояндагони гуногуни адабиёти пурғановати халқи тоҷик, барои ташаккули шахсияти хонандагон дар рӯҳияи ватандӯстӣ, арҷгузорӣ ба фарҳангу арзишҳои миллӣ, пешгирӣ аз падидаҳои номатлуби замони муосир нақши муҳим дорад.

Маҳз ба ҳамин хотир, диссертатсияи номзадии Бобоева Зарнигор Тоҳировна дар мавзуи “Асосҳои методӣ ва ҷанбаҳои амалии муносибати босалоҳият ба таълими ҳаёт ва эҷодиёти Абдураҳмони Ҷомӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ” бахшида шудааст, сазовори дастгирист.

Тавре аз мутолиаи автореферат бармеояд, диссертатсия аз муқаддима, се боб (ки ҳар яке дорои фаслҳои алоҳида мебошанд), хулоса ва феҳристи адабиёт иборат буда, дар ҳаҷми 206 саҳифаи чопи компютерӣ (А-4) таҳия шудааст. Феҳристи адабиёт аз 254 номгӯй иборат аст.

Мо ба таҳлили бобу зербобҳои алоҳидаи кори анҷомёфта дахл накарда (ин масъулият ба дӯши муқарризони расмӣ аст), чанде аз андешаҳои худро доир ба паҳлуҳои гуногуни он ба тарзи умумӣ иброз медорем.

Аввалин шубҳае, ки аз шиносоӣ бо автореферат дар зеҳни хонанда пайдо мешавад, он аст, ки оё мавзуи таълими танҳо як адиби алоҳида метавонад мавзуи таҳқиқотӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзадӣ бошад? Аммо мутолеаи муҳтавои кори илмӣ, таҳлили барномаи таълим оид ба ин мавзуъ ва дарки аҳаммияти амалии

таълими эҷодиёти А.Ҷомӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ин шубҳаро аз байн мебарад. Аввалан, эҷодиёти ин мутафаккир ва адиби барҷаста дар якчанд синф ба роҳ монда шудааст, почаҳо аз эҷодиёти ӯ дар китобҳои дарсии зинаи ибтидоӣ низ ҷой дода шудаанд. Аз ҷониби дигар, таҳқиқот тарзе анҷом гирифтааст, ки натиҷаҳои онро дар ҷараёни таълими ҳаёт ва эҷодиёти адибони дигар низ татбиқ кардан мумкин аст. Ин худ аз аҳаммияти амалии кор шаҳодат медиҳад.

Мутолеаи кор гувоҳи он аст, ки муаллиф аз дониши амиқи назариявӣ бархурдор аст: ӯ муҳимтарин таҳқиқоти соҳаҳои педагогика, методикаи таълими забон ва адабиёти тоҷик, консепсияи муносибати босалоҳият ба таълим ва ҷомишиносиро таҳлилу баррасӣ намудааст (с.9). Маҳз ҳамин дониши амиқи назариявӣ ба муаллиф имкон додааст, ки таҳлилу баррасии мавзуъҳои асосӣ – асосҳои назариявӣ ва амалии муносибати босалоҳият дар таълими адабиёт, истифодаи технологияҳои муосир ва методҳои ташаккули салоҳиятҳо дар таълими эҷодиёти А.Ҷомӣ, хусусиятҳои таълими ин адиби шинохта дар зинаҳо ва синфҳои гуногуни МТМУ, раҳёфтҳои муассир дар омӯзишу таълими жанрҳои гуногуни адиб ва ғайраро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода, дар заминаи озмоишҳои пелагогӣ хулосаҳо ва пешниҳодҳои мушаххас ба миён гузорад.

Дар баробари дастовардҳои назаррас метавон чанд нуктаеро зикр кард, ки ба эътибор гирифтани онҳо барои беҳтар шудани сифати кор, махсусан, зимни таҳияи монография дар оянда мусоидат хоҳад кард:

1. Ба андешаи мо, беҳтар аст мавзуъ “Асосҳои методӣ ва ҷанбаҳои амалии муносибат **дар** таълими...” номгузорӣ шавад, на “**ба** таълими...”. “Муносибати босалоҳият **ба таълим”** мафҳуми умумиест, ки асосҳои назариявии муносибати босалоҳиятро дар бар мегирад, аммо ҷанбаҳои амалии он **дар таълими** ин ё он фанни алоҳида баррасӣ мешавад.

2. Дар таҳқиқот сухан аз истифодаи консепсияи ба истилоҳ KSA (knowledge, skills, abilities) меравад. Аввалан, ин истилоҳ ҳам дар варианти тоҷикӣ ва ҳам дар варианти русии автореферат нодуруст навишта шудааст (knowlls, skills, abiles – с. 8, 40). Сониян, дар фишурда (аннотатсия)-и автореферат бо забони англисӣ ин истилоҳ дар вариантҳои гуногун оварда шудааст (KSA, KPN, KPS) ва шарҳи онҳо низ аз ҳам тафовут дорад (с. 56).

3. Дар матни автореферат чунин омадааст: “Барои дақиқ намудани вазъи таълим миёни 65 нафар омӯзгорони забон ва адабиёти тоҷики вилояти Суғд “Пусишнома” гузаронида шуд” (с. 9). Аввалан, “Пурсишнома” гузаронида намешавад, балки бо истифода аз пурсишнома омӯзиши афкори омма сурат мегирад. Сониян, пас аз шумора (65 нафар) исм (омӯзгор) дар шакли танҳо меояд.

4. Ҳамчунин дар варақҳо зимни нишон додани манбаъҳо ғалатҳои имлоӣ ва аломатҳои китобат роҳ ёфтаанд (с. 3-7, 30-33).

Бояд тазаккур дод, ки ин норасоиҳо ҷузъӣ буда, аҳаммияти корро коҳиш намедиҳанд. Дар маҷмуъ, иттилооте, ки дар рафти кори таҷрибавӣ ба даст омадааст, муқаррароти назариявии пешниҳдшударо тасдиқ намудаанд. Таҳқиқоти илмии анҷомёфтаро ҳамчун кори аз ҷиҳати илмӣ асоснок, ки ҳалли масъалаҳои муҳимро

дар соҳаи илми педагогика таъмин мекунанд, тавсиф намудан мумкин аст. Равиши таҳқиқот, хулосаҳо ва тавсияҳое, ки муаррифӣ гардиданд, асоснок мебошанд.

Таҳлили адабиёти пешниҳодшудаи автореферат ва корҳои чопшуда аз он шаҳодат медиҳад, ки таҳқиқоти анҷомдодаи Бобоева Зарнигор Тоҳировна ба мазмун ва мундариҷаи автореферат мувофиқ аст.

Автореферати Бобоева Зарнигор Тоҳировна дар асоси талаботҳои іурои диссертатсионии 6D КОА-069 иҷро гардида, муаллиф барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02.04 – Назария ва методикаи таълими фанҳои гуманитарӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ) сазовор мебошад.

Муқарриз:
н. и. филология, сармутахассиси шуъбаи
инноватсия ва психологияи таҳсилоти
Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Байзоев А.М.
25 апрели соли 2024

Суроға:
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Меҳнат, 117
Тел.: (992) 907 907 017
e-mail: azim_b@mail.ru

Имзои А.Байзоевро тасдиқ мекунам:
Нозири кадр ва коргузорӣ
Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Саидова М.
26 апрели соли 2024

Суроға:
734063, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, к. А.Адҳамов 11/2
Тел.: (992) 37 223 23 16
e-mail: att@maorif.tj